Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор ____________ Раҳмон Д.С.
«___» июни соли 2023

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсия ва автореферати Хушматов Намоз Раҳмонович дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти «одоб» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Дар замони муосир яке аз назарияҳои забоншиносӣ, ки босуръат рушд намуда истодааст, муносибати когнитивӣ ба таҳқиқу баррасии забон ба шумор меравад, ки объекти омӯзиши он идрок мебошад. Муносибати мазкур бист сол қабл ба пайдоиш ва рушди шохаи забоншиносӣ бо номи «забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ)», ки ҳоло машҳур аст, замина гузоштааст.

Яке аз мафҳумҳои забоншиносии шинохтӣ «консепт» ба ҳисоб меравад, ки айни замон ба таҳқиқи мундариҷаи он, алалхусус консепт ҳамчун мафҳум, арзиш ва рамз таваҷҷӯҳи хосса зоҳир гардида истодааст. Бо вуҷуди ин, муносибатҳои нави таҳқиқи хусусиятҳои сохториву маъноии консептҳо зуҳур кардаанд, ки аз мубрамияти мавзуи мазкур гувоҳӣ медиҳад.

Гузашта аз ин, ба ақидаи муаллифи диссертатсия дар даврони муосир таваҷҷуҳи баланди забоншиносон ба масъалаҳои муоширати байнифарҳангӣ ва таъсири мутақобилаи намояндагони ҷомеаҳои гуногуни забониву фарҳангӣ мушоҳида мегардад ва ин таҳқиқоти амиқи шаклҳои гуногуни рафтор, аз ҷумла, категорияи одобро, ки барои муошират муҳим арзёбӣ мегарданд, талаб мекунад. Аз ин ҷиҳат, омӯзишу пажӯҳиши консепти одоб, ки як рукни асосии фарҳанги мардумони гуногуни дунё маҳсуб мeёбад, аз нигоҳи забоншиносии шинохтӣ ва муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мубрамияти корро ташкил медиҳад.

Ҳадафи асосии таҳқиқот муайян намудани вижагиҳои маъноиву сохтории консепти «одоб/ politeness» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад, ки дар ин замина хусусиятҳои шабеҳ ва тафовутноки консептҳои мазкур дар забонҳои мавриди таҳқиқ аз нуқтаи назари забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ва забоншиносии шинохтӣ баррасӣ карда мешаванд.

Пойгоҳи методологии таҳқиқотро асарҳои илмии забоншиносони ватанию хориҷӣ, аз зумраи П. Браун ва С. Левинсон, Г. Каспер, Р. Лакофф, Р. Уоттс, К. Кристи, Л. Кинг, Я. Камичек, В.И.Карасик, В.А.Звегинсев, А.Вежбитская, А. Харчарек, П.Ҷамшедов, М.Т. Ҷабборова, Нағзибекова

М.Б., С. Ҷаматов, Д. Искандарова, Х. Шанбезода, З.Мухторов, Ф. М. Турсунов, С. Қ. Матробиён ва дигарон ташкил медиҳанд.

Бино ба ақидаи муаллифи диссертатсия, навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки дар диссертатсия бори аввал хусусиятҳои милливу фарҳангии консепти одоб дар забони тоҷикӣ зимни муқоиса бо ҷузъҳои забониву ғайризабонии муошират дар забони англисӣ мушаххас гардида, вижагиҳои асосии фаҳмиши консепти таҳлилшаванда аз ҷониби намояндагони фарҳангҳои гуногунзабон мавриди назар қарор гирифтааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки он метавонад дар ташаккули минбаъдаи назарияи намунаи когнитивии фазои лингвокултурологии матн бо консепти базавии «одоб/ politeness» дар забонҳои сохторашон гуногун саҳм гузорад. Натиҷаҳои муаррифишуда метавонанд ҳангоми аниқ кардани назарияҳои майдонҳои маъноӣ ва методҳои гузаронидани таҳлили лингвокултурологӣ истифода бурда шаванд.

Равиши коркардшудаи тасвири лингвокултурологии майдони семантикии «одоб/ politeness» -ро метавон ҳангоми таҳиқи майдони семантикии дигар образҳои базавии фарҳангҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода бурд.

Аҳамияти амалии рисола дар он ифода меёбад, ки нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳоро метавон дар курсҳои лексионӣ оид ба лексикология, услубшиносии матн, назария ва амалияи тарҷума ва муошırати фарҳангӣ истифода бурд. Натиҷаҳоро инчунин дар таҳияи курсҳои махсус ва семинарҳои махсус оид ба шарҳи бадеии матн, дар дарсҳои амалӣ бо забони англисӣ дар аудиторияи тоҷикӣ ва инчунин, ҳангоми навиштани рисолаҳои номзадӣ ва магистрӣ мавриди истифода қарор дод. Мавод ва хулосаҳои таҳқиқот барои тарҷумонҳо, фарҳангшиносон, инчунин, омӯзгорони забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муфид мебошад.

Оид ба мавзуи диссертатсия 4 мақола дар маҷаллаҳои даврии тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия ба табъ расонида шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, 2 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Диссертатсия 165 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамияти тадқиқу баррасии мавзуъ, дараҷаи омӯхта шудани он, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии он асоснок карда шудааст. Дар он мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш, методҳои таткиқот ва сохтори кор низ муайян карда шудаанд.

Боби якуми рисола **«Забон ва фарҳанг дар раванди равобити байнифарҳангӣ»** ном дошта, дар он оид ба масоили усулҳои нави таҳқиқи равобити забону фарҳанг дар забоншиносӣ, шинохти консепт дар забоншиносии муосир, сохтори консепт, забону фарҳанг ва тафаккури миллӣ, асосҳои маърифатии омӯзиши робитаи забон ва фарҳанг, шинохти мафҳуми фарҳанг, нақши фарҳанг дар ташаккули тафаккури умумии забониву фарҳангӣ, ташаккули консептҳои миллӣ дар тасвири забонии ҷаҳон ва

муоширят ҳамчун навъи фаъолияти иҷтимоӣ маълумоти равшанӣ андохта шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия муаллифи он қайд менамояд, ки "консепт" яке аз категорияҳои муҳимтарини забоншиносии шинохтӣ мебошад. Ба воситаи консептҳо робитаи забон бо тафаккури инсон ба амал меояд. Консепт ҳамвора бо воҳидҳои дигар унсурҳои забон ба шумор рафта, тафаккур дар навбати худ оинаи фарҳанг мебошад, ба он иттилоот ворид шуда, дар хотираи инсон таҳлил мегардад ва ба низом дароварда, нигоҳ дошта мешавад, ки метвон ба ақоиди фавқуззикри муаллиф оид ба мафҳуми «консепт» розӣ шуд. Илова бар ин, муаллифи диссертатсия дар боби мазкур сохтори «консепт»-ро шарҳ дода, зикр менамояд, ки дар навбати аввал, консепт дорои маънои нисбатдиҳии ашёӣ аст; дар навбати дувум, дар он иттилои аз ҷиҳати муошират муҳим мавҷуд аст, чунки инро ҷойи аломат дар таркиби луғавии забон тақозо мекунад; дар навбати севум, он то як андоза низоми арзишҳои маънавию фарҳангии соҳибони забонро инъикос мекунад, ки онро метавон консепсияи асосноки илмӣ аз нуқтаи назари забоншиносии шинохтӣ роҷеъ ба сохтори консепт номид.

Боби дуюми диссертатсия **«Таҳлили муқонсавии мазмуни байнифарҳангии консепти «одоб/ politeness» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузори шуда, тамоми хусусияҳои консепти «одоб» дар тасвири забонии мардуми тоҷик ва «politeness» дар тасвири забонии мардуми англис, бахусус дар тасвири муқаррарӣ (ҳамарӯза) ва тасвири илмии ин мардумон, ки мақоми махсус доранд, мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст. Дар боби мазкур муаллифи рисола тавонистааст бо мисолҳои мушаххас хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии консептҳои мавриди назарро дар забонҳои муқоисашаванда нишон диҳад. Аз муқоисаи муаллиф чунин бармеояд, ки ин ду консепт аз лиҳози сохтор ва маъно аз якдигар фарқ мекунанд. Тавре ки натиҷаи таҳқиқоти муллиф нишон медиҳад «одоб» ба маънои боадаб будан далолат карда, баргирифта аз калимаи арабии «адаб» аст; дар забони муосири тоҷикӣ калимаи мазкур маънои «адаб, муомилаи хуш, тарбияи хуб»-ро дорад. Аз исмҳои зикршуда сифатҳои баодоб, боадаб бо ёрии пешвандҳои сифатсози бо-, ба- сохта шудаанд. Бо роҳи калимасозӣ сифати муаддаб (баодобона, бо тарбияи хуб, саҳеҳ, мулоҳизакорона, муомилаи хуш, ботаоруф), зарфи муаддабона (бо тарбияи хуб, баодобона, бо иззату эҳтиром, мулоҳизакорона, бо муомилаи хуш), сифатҳои беадаб ва беодоб (номуаддаб, бетарбия, носаҳеҳ, дуруштмуомила) сохта мешаванд. Тавре ки муаллифи рисола дар автореферати он ёдовар мешавад, калимаи англисии «politeness» бошад, аз забони лотинӣ гирифта шуда, маънояш politus «бомаърифат, борикбин, нозукфаҳм» мебошад; дар забони муосири англисӣ to be polite «муаддаб будан» маънои доштани хулқу атвори хуб ё нишон додани одоб, таваҷҷуҳ ба дигарон ва ё рафтори саҳеҳи иҷтимоӣ дорад. Зери маънои калимаи мазкур рафтор ва маърифатнокӣ нуҳуфта аст, чунки, ба муаллифи рисола, на танҳо донистани қоидаҳои одоб, балки қобилияти нишон додани дониши худ муҳим аст. Исми «politeness» аз решаи «polite» тавассути пасванди -ness сохта шудааст. Аз решаи «polite» вожаҳои зерин сохта

шудаанд: сифатҳои polite (муаддаб), impolite (номуаддаб), исмҳои politeness (одоб), impoliteness (бедобӣ), зарфҳои politely (муаддабона), impolitely (номуаддабона ). Ҳамин тариқ, дар боби дуюми рисола диссертант формулаҳои одоби забони тоҷикиро бо формулаҳои одоби забони англисӣ муқоиса намуда, ба чунин хулоса меояд, ки дар навбати аввал, истифодабарии бисёри онҳо бо фарқиятҳои иҷтимоӣ, синнусолӣ ва ҷинсӣ бевосита алоқаманд аст, ки ин ба фарҳанги забонии англисӣ бо равобити демократиаш хос нест. Дар навбати дувум, барои одоби тоҷикӣ истифодабарии фаъолонаи истилоҳоти хешутаборӣ хос аст; таоруфоти англисӣ бошад, истифодабарии истилоҳоти хешутабориро танҳо нисбат ба хешу табор пешбинӣ мекунад. Дар навбати севум, грамматикаи забони тоҷикӣ мавҷуд будани шаклҳои муаддаб ва содаро дар назар дорад, ки ба воситаи чанд бандаки грамматикӣ ва зиддияти ҷонишинии ту-шумо вербализатсия мешавад; дар забони англисӣ ин гуна муқобилгузорӣ вуҷуд надорад, ки чунин хулосаҳои муҳаққиқ роҷеъ ба боби дуюми рисола ҷолиби диққат аст.

Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқот оид ба маъно ва сохтори консепти «одоб/ politeness»-и забонҳои муқоисашаванда дар тасвири забонии мардуми забонҳои муқоисашаванда дар асоси маводи асарҳои бадеӣ дарҷ гардидааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ ба таври дақиқ хусусиятҳои шабеҳ ва тафовутноки консепти «одоб/ politeness»-и забонҳои мавриди назарро аз нигоҳи забоншиносии шинохтӣ тасвир намудааст.

Дар баробари муваффақияти илмии ҷиддии зикршуда дар диссертатсия баъзе камбудиҳо вуҷуд доранд:

1. Мебоист диссертант сохтори консепти «одоб/ politeness»-ро дар забонҳои муқоисашаванда ба таври муфассал таҳқиқ менамуд.
2. Хуб мешуд, ки дар боби дуюми рисола диссертант консепти «одоб/ politeness»-ро ҳамчун мафҳум, арзиш ва рамз дар тасвири забонии мардуми тоҷик ва англис ба таври муфассал баррасӣ менамуд;
3. Мебоист диссертант ҳангоми баррасии масоили дар диссертатсия таҳқиқшуда аз нақша, ҷадвал ва диаграммаҳо ба таври васеъ истифода мебурд.
4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мавҷуд ҳастанд (саҳ. 17, 21, 114 ва ғ.).

Қобили зикр аст, ки камбудиҳои зикршуда мазмун ва мундариҷаи диссертатсия ва автореферати онро коста намегардонанд.

Дар фарҷом метавон қайд намуд, ки диссертатсия ва автореферати Хушматов Н. Р. дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти «одоб» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» мувофиқ ба талаботҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардида, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Тақриз ба диссертатсия ва автореферати Хушматов Намоз Раҳмонович дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи забоншиносӣ ва типологияи

муқоисавии факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласаи ғайринавбатӣ иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -12 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

«30» майи 2023 с. Суратҷаласаи ғайринавбатии № 10/1.

Раиси ҷаласаи илмӣ: номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафераи забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии факултети филологияи
хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Муродов Баҳриддин Раҳмонович

Ташхисгар: номзади илмҳои филологии
кафедраи методикаи таълими
забонҳои хориҷии факултети филологияи
хориҷии Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Гуламадшоев Шокиршо Шерзодшоевич

Котиби ҷаласа: номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафераи
забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии
факултети филологияи хориҷии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Гулямов Ҳайдар Қаландарович

Имзозоҳои Муродов Б.Р., Гуламадшоев
Ш.Ш., ва Гулямов Ҳ. Қ.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Амиров Файзуллохуҷа Азизович

«31» 05 соли 2023

Маълумот барои тамос:
Суроға: кӯчаи С. Сафаров, 16.
ш. Кӯлоб, 735360
Тел.: (+992 33 22) 2-35-06, 2-35-09, факс: (+992 3322) 2-35-06
Email: www.kgu.tj